# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) дар мавзуи “Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ”

Дар замони рушди олии технологӣ ва инқилоби иттилоотӣ талабот ба омӯзгорони оянда ниҳоят ҷиддӣ мебошад ва он дар истифода ва интихоби технологияи педагогӣ бояд дорои салоҳияти касбӣ бошанд. Дар байни технологияи инноватсионӣ технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ имрӯз тадриҷан ба раванди таълим ворид мегардад ва истифодаи он дар раванди маърифатӣ ва омодасозии хонандагону донишҷӯён натиҷабахш ба назар мерасад.

Таълим ва тарбия аз давраи пайдоиши ҷомеа, аз замони олотсозии одамон ба хотири ҳифзи насли инсонӣ ибтидо гирифта, то кунунривоҷу равнақ ёфта минбаъд ҳам зинаҳои баланди худро тай хоҳад намуд. Тарбия ва таълим дар асоси маҷмуи таҷрибаҳои гирдомадаи инкишофи нерӯҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ баҳри зарурияти зиндагӣ аз ҷониби ашхоси ихтисосманд ба насли наврас интиқол дода мешавад.

Аз ин хотир дар назди маорифи ҷумҳурӣ вазифаҳои нав, тарбияи насле, ки тавонад дар вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ ояндаи ҷомеаро бунёд намояд, муҳим мебошад. Барои расидан ба ин мақсад коллективи омӯзгорони фаъолу кордон ва касбияти баланд дошта бошанд, новобаста ба ихтисосашон аз технологияҳои нави иттилоотӣ истифода карда тавонанд, лозим аст.

Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна кори илмӣ – таҳқиқотии худро оид ба омӯзиши омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар сатҳи баланд иҷро намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Бояд қайд кард ки навгонии илмӣ аз он иборат аст, ки бори аввал моҳият, сохтор ва мундариҷаи таълими муаллимони оянда дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тавсиф карда шудаанд. Ҳамчунин, ҷанбаҳои асосии истифодаи системаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ муайян карда шуда, ҷузъҳои тайёр кардани муаллимони таърих нисбати истифодаи технологияҳои иттилоотию коммникатсионӣ дар фаъолияти касбӣ,

ҷустуҷӯ, бойгоникунонӣ ва нигоҳдории иттилооти касбӣ, таъсири умумӣ тавассути эҳсосӣ, шунавоӣ, аудиторӣ ва ҳаракаткунанда, амсиласозӣ ва тарҳрезии объектҳои воқеӣ ва маҷозӣ илман асоснок карда, нишон додааст.

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна нишон медиҳад, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммникатсиониро дар фанни таърих барои омӯзгорони оянда асоснок намуда, барои санҷиши муқоисавӣ ва баҳо додан зери таҳқиқот қарор гирифта, тавсияҳо низ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод карда шудааст.

Дар интиҳо бояд қайд намуд, ки кори диссертатсионии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна кори илмии таҳқиқотии ба итмомрасида ба ҳисоб рафта, дар он масъалаи муҳими муосир, хусусан истифодаи технологияи иттилоотию коммникатсионӣ дар фанни таърих дарҷ гардидааст, ки он бартарияти соҳаро дорад ва ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои педагогӣ, мудири
кафедраи педагогика ва психологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Ғафурова Д.Ҷ.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кӯчаи марказӣ, 25 E-mail: dilorom.gafurova.76@mail.ru, Тел.:(+992) 93 433 76 76.

Имзои Ғафурова Д.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО